МУҲАММАД СУБҲОН

# ГУРГИ ЗАРД



МАОРИФ



Буд-набуд як гурги зард ва як рӯбоҳи маккор буд. Як рӯз рӯбоҳи маккор ба гург гуфт:

– Ҷӯраҷон, фасли зимистон ҳам омад, ҳаво сард мешавад. Ҳозир вақт ғанимат. Биё, рафта як гӯсфанд дуздему гӯшташро нагз пухта, ҳарду нӯши ҷон кунем. Баъд дар фасли



зимистон маза карда ҳардуямон мехӯрем.

Гурги зард ба гапи рӯбоҳ бовар карда, «хуб, ҷӯраҷон» гуфта, ба сайди гӯсфанди фарбеҳ баромад.

Вай ба як подаҷо рафта, аз рама як гӯсфанди дунбакалонро кашолаву пуштора карда овард. Онро ба дег андохта пухтанд. Гӯшти пухтаро ба



хуми калон ҷой карда монданд. Ҳар боре, ки рӯбоҳ аз назди хуми гӯштбирён мегузашт, дилаш гум мезад.

Бореу рубоҳ:

– Ҷӯраҷон, маро ба хонаи як дӯстам барои зиёфатхӯрӣ даъват карданд, имрӯз меравам, - гуфту



оҳиста ба хона даромада, аз ҳамон хуми гӯштбирён шикамсерӣ хӯрд.

Бегоҳ рӯбоҳ бо гург вохӯрд.

– Ту куҷо рафтӣ? - пурсид гург.

Рӯбоҳ гуфт:

– Дар хонаи як дӯстам будам. Эҳ, асло напурс, ҷӯраҷон, чунон зиёфатхӯрӣ кардем, ки то ҳол мазаи гӯшти



гӯсфанд аз даҳонам нарафтааст.

Боз чанд рӯзи дигар гузашту як шаб рӯбоҳи маккор ба гурги зард гуфт:

– Пагоҳ маро ба хонаи як дӯсти дигарам даъват карданд. Намедонам, ки ин дафъа чӣ маърака дошта бошад?



Гург ба ин сухани рӯбоҳ ҷавобе надода, дар ҷояш ором нишаст.

Рӯбоҳ субҳ худро орову торо дод, гӯё ба меҳмонӣ мерафта бошад. Баъд оҳиста ба хонаи дарун даромада, шикамашро аз гӯштбирён сер кард.

Бегоҳ бо табъи болидаву хуш бо



гург вохӯрд. Гург аз рӯбоҳ пурсид:

– Мӯятро шона карда либосҳои зебо пӯшида куҷо рафтӣ?

– Хонаи дӯстам даъватӣ будам, ҳамон ҷо рафтам, - бо ноз ҷавоб дод рӯбоҳи маккор.

Ҳамин тавр, рӯбоҳ гургро фиреб дода, то пораи охирин гӯшти дар хум



бударо хӯрд.

Зимистон ҳам фаро расид.

Як рӯз рӯбоҳ ба гург гуфт:

– Ҷӯраҷон, биё ба сари хуми гӯшт равем. Шикамам ба ёди ҳамон гӯшти



гӯсфанди дунбакалон гум мезанад. Гург розӣ шуду ҳамроҳи рӯбоҳ ба сари хуми гӯшт рафт. Диданд, ки хуми гӯшт холист. Рӯбоҳ зуд шайтонӣ карда, ба гург гуфт:



– Ҷӯра, ту хеле ҳам фиребгарӣ, ин гӯштҳоро кай хӯрдӣ?

– Не, рӯбоҳи маккор, ин гӯштҳоро худи ту, падарсаг, хӯрдаӣ!

Байни онҳо моҷарову мунокиша



сар зад. Гурги зард бо қаҳру ғазаб ба рӯбоҳи маккор ҳамла кард.

Рӯбоҳи маккор зуд аз хона гурехт. Бо алам гург аз қафои рӯбоҳ давид. Рӯбоҳи маккор аз тарси гург дар роҳ



ба як оғили торик даромада, пинҳон шуд. Гург ҳам аз паси рӯбоҳ ба оғил даромаду ба охури он ворид шуд. Рӯбоҳ аз қафои огил баромада дид, ки гург дар охур дармондаасту оҳу-воҳ дорад. Сипас вай ба оғил даромада думи гургро канда гурехт. Гург зӯр заду-зӯр заду ниҳоят аз охур



баромад.

Гург аз бедумии худ шарм карда, бо ҳамин як умр зери ҷариҳо ва паси теппаҳо дур аз ҷамъияти ҳайвонҳо гашт. Рӯбоҳи маккор бошад, дигар



ба гург наздик наомад ва дар дашту ҷангал думи худро беғам ҷунбонида, бовиқорона намоишкорӣ мекард. Гург бошад аз ҳамон вақт дигар бо ягон ҳайвон дӯстӣ намекунад.

ББК 84 тоҷик 7-4
С–88

# ГУРГИ ЗАРД

Муҳаррир М. Мунавваров
Муҳаррири техникӣ Р. Абдуллоева
Рассом С. Имодинова
Тарроҳ Р. Галимов
Ҳуруфчин С. Зайниддинов

Ба чопаш 13.01.15 имзо шуд. Андозаи 50x70 1/32.
Ҷузъи чопӣ 0,5. Чопи офсетӣ. Коғази бурандуд.
Супориши № 34/2015. Адади нашр 5000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел: 98-552-89-89. E-mail: najmiddin64@mail.ru.

МАОРИФ

9 789994 712793

ISBN 978-99947-1-279-3
© «МАОРИФ», 2015